# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «31» 01 соли 2025 №29/ук ш. Душанбе

*Дар бораи рад кардани додани унвони илмӣ*

Мутобиқи сархати 18 банди 9 ва сархатҳои 4 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 33, 34, сархати 2 банди 38 ва банди 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дархости Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14 ноябри соли 2024, №01/2974-03 “Дар бораи ба Исматуллозода Парвина Раҷабали додани унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси Забоншиносӣ”, бинобар риоя нагардидани талаботи сархати 3 банди 10 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) рад карда шавад.

2. Пешниҳоди такрории парвандаи аттестатсионии Исматуллозода П.Р. пас аз 1 (як) сол аз санаи ба тасвиб расидани фармоиши мазкур амалӣ карда шавад.

3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Ваlizода Ҳ.С.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2025, №2

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ